# ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734025, ш.Душанбе, к.Шевченко, 69, тел. ( 372 ) 221-18-35, факс (372) 2-21-75-25

## ФАРМОИШ

аз «21» 02 соли 2015 №163 ш.Душанбе

Дар бораи тасдиқ намудани «Асбоби баҳодиҳии сифати ёрии анестезиологӣ ва реаниматсионӣ дар соҳаи акушерӣ»

Бо мақсади баҳодиҳӣ оид ба сифати хизматрасонии ёрии анестезиологӣ ва реаниматсионӣ дар соҳаи акушерӣ ҷиҳати беҳтар намудани сифати хизматрасонии тиббӣ, расонидани ёрии зарурӣ, таъмини кӯмаки ташхисию табобатии сифатнок ва дастрас, ташкил намудани пешбурди ягона барои идоракунии онҳо бо дарназардошти шароиту имкониятҳои маҳаллӣ, мутобиқи банди 10- и Низомномаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014 таҳти №148 тасдиқ шудааст ,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. «Асбоби баҳодиҳии сифати ёрии анестезиологӣ ва реаниматсионӣ дар соҳаи акушерӣ» тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Ба сардори Раёсати ташкили хизматрасониҳои тиббӣ ба модарону кӯдакон ва танзими оилаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Раҳматуллоев Ш. Р.) дар якҷоягӣ бо ректорони муассисаҳои давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино», «Донишкадаи таҳсилоти баъди дипломии кормандони соҳаи тандурустии Тоҷикистон» (Қурбон У. А., Аҳмадов А. А.), директори Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи акушерӣ, гинекологӣ ва перинатологии Тоҷикистон», (Ҳақназарова М. А.), сардорони раёсатҳои тандурустии ВМКБ, вилоятҳои Хатлону Суғд ва ш. Душанбе (Некушоева Н. С., Маллазода С.Ҳ., Ваҳобов С.А., Муминов Б.Ғ.,) ва менеҷерони

госпиталӣ ва КАТС- и ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ супориш дода шавад:
а) воридсозӣ ва истифодаи «Асбоби баҳодиҳии сифати ёрии анестезиологӣ ва реаниматсионӣ дар соҳаи акушерӣ»- и тасдиқгардидаро дар амалияи муассисаҳои госпиталӣ ва барномаҳои таълимии пойгоҳҳои муассисаҳои давлатии таълимӣ ва клиникии кафедраҳои акушерию гинекологӣ ва тибби оилавӣ таъмин намоянд. Мӯҳлат дар давоми соли 2015;
б) бо мақсади таъмин намудани эҳтиёҷоти муассисаҳои тиббӣ ба «Асбоби баҳодиҳии сифати ёрии анестезиологӣ ва реаниматсионӣ дар соҳаи акушерӣ» дар бораи теъдоди нашри онҳо ба Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост пешниҳод намоянд;
в) дар якҷоягӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ барои нашри миқдори зарурии «Асбоби баҳодиҳии сифати ёрии анестезиологӣ ва реаниматсионӣ дар соҳаи акушерӣ» чораҳои зарурӣ андешанд. Мӯҳлат то охири моҳи марти соли 2015.

3. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якуми вазир Л. Бобоҳоҷиева гузошта шавад.

Вазир Н. Салимзода

ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТИ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ · МИНИСТЕРСТВО ЗДРАВООХРАНЕНИЯ И СОЦИАЛЬНОЙ ЗАЩИТЫ НАСЕЛЕНИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
БАРОИ ФАРМОНҲО
ДЛЯ ПРИКАЗОВ

ДУРУСТ